# Ҳикояе аз зиндагӣ



*Китобчаи мазкур дар доираи татбиқи Лоиҳаи “Усулҳои инноватсионии пешгирии зӯроварии гендерӣ дар байни ҷавонон”, ки аз ҷониби СММ-Занон (UN Women) маблағгузорӣ гардидааст, татбиқ мегардад.*

*Мақсади асосии китобча ин баланд бардоштани сатҳи маълумотнокии наврасон ва ҷавонон оид ба пешгирии зӯроварии гендерӣ нисбат ба занону духтарон мебошад.*

*Таҳиягарони китобча – ҷавонони ноҳияи А.Рӯдакӣ мебошанд:*

*Баҳромзода Ҳафиза*
*Шермирзоев Умед*

*Дар як маҳаллае як оилаи муқарарии Шариповҳо зиндагӣ мекард. Падар Баҳром дар бозор ҳамчун савдогар кор мекард ва модар Фотима хонашин буд. Дар оилаашон як писар доштанд, ки номаш Соҳиб буд.*

*Баъд аз чанд соле онҳо соҳиби духтар шуданд ва номи ӯро Меҳрона гузоштанд. Вақте ки Меҳрона 7 сола мешавад, ӯро ба мактаб медиҳанд. Меҳрона рақс кардан ва суруд хонданро дуст медошт, ки ин шуғли дустдоштаи вай дар тули чанд сол ба истеъдод табдил меёбад. Вай ҳама вақт ба модараш мегуфт, ки баъд аз хатми мактаб*



*мехоҳад ба Консерваторияи шаҳри Душанбе дохил шуда, дар он ҷой хонад.*

*Рӯзе Меҳрона ба модараш боз гуфт, ки баъд аз хатми мактаб ӯ дар Консерваторияи шаҳри Душанбе хоҳад таҳсил кард. Модар намехост, ки дили Меҳронаро ранҷонад ва бо нигоҳи ғамангез гуфт:*

*- Духтари азизам, ту медони ку, чизе ки падарат гӯяд, ҳамон мешавад.*

*Рӯзе падар ва писар дар берун кор мекарданд. Вақте ки ҳарду ба хона даромаданд, Меҳрона хоҳиши давом додани таҳсили худро дар Консерваторияи*

*шаҳри Душанбе изҳор намуда, аз падар илтимос кард, ки варо дар ин амали ӯ дастгирӣ кунад. Аммо падар дар ҷавоб сарашро ҷунбонда, "не" мегӯяд. Меҳрона аз падар чандин бор пайиҳам хоҳиш кард, аммо дафъаи охирин падар ба сӯйи Меҳрона дод зада гуфт:*

*- Чанд бор фаҳмонам ба ту, ки духтар чӣ ва хонданаш чӣ, ояндаи ту аз шавҳарат вобаста, фаҳмо? Тамом, дигар дар ин мавзӯъ баҳсу суҳбат нашавад!*

*Меҳрона аз суханони падараш сахт маҳзун гашт ва гирякунон давида ба ҳуҷраи худаш даромад.*



*Бародари ӯ Соҳиб писар ва ҷавони хуб буд. Ӯ бо баҳои хуб мехонд ва рафиқони боақл дошт. Рафтори ноодилонаи падар, ки фарзандони худро аз рӯи ҷинсият ҷудо мекард, ба Соҳиб хуш намеомад ва ӯ ҳамеша тарафдори он буд, ки хоҳараш таҳсили худро давом диҳад. Соҳиб фикр мекард, ки гирифтани маълумоти олӣ ба духтарон лозим аст. Ӯ азм кард, ки оид ба ин масъала бо падари худ сӯҳбат мекунад.*

*Рузе падар бо Соҳиб дар болои диван нишаста овораи суҳбат буданд. мекунад. Падар гуфт:*

*- Писарам, ту бояд хонӣ ва дар оянда нигоҳубини мо ва оилаат бошӣ, хондан барои ту хеле муҳим. Пулаш муҳим нест чи қадаре, ки даркор аст бигӯ, ман ба ту медиҳам.*

*Меҳрона, ки ин вақт пушти дар истода буда, суханҳои падарро шунида, ғамгин шуд ва ба ҳуҷраи худ рафт.*

*Падар суханашро ба анҷом расонд ва аз ҷой хеста, рафтанӣ шуд. Аммо Соҳиб ӯро аз дасташ дошту, гуфт:*

*- Падар боз як маслиҳати дигаре ҳаст. Як хоҳиш дорам.*



*Шумо аввал гапи маро гуш кунед ва баъд чизе, ки хоҳед бигуед. Падарҷон, чи мешавад, ки Меҳрона низ маълумоти олӣ гирад? У низ орзуи хонданро дорад, оё шумо дар кӯдакӣ орзуи касб интихоб карданро надоштед? Оё шумо мехостед, ки савдогар шавед? Чаро духтари ҳамсоя мехонаду дигар намешавад, аммо Меҳрона агар ба донишгох дохил шавад, дигар мешудааст? Меҳрона пеш аз ҳама ба мисли ману Шумо инсон аст, ва мо ҳақ надорем, ки пешгирии орзуҳои ӯ шавем. Танҳо маълумоти кофӣ ва малакаҳо метавонанд ёрдам кунанд, ки ҳар як одам зиндагиашро пеш барад. Мо меҳоҳем ку, ки Меҳрона хушбахт бошад!*

*Ҳамин тавр Соҳиб қариб ним соат бо падар суҳбат кард. Дар охир падар ба фикру андеша ғӯтавар зад. Сониян, аз ҷояш бархесту  ба Соҳиб бо нигоҳи аҷоиб нигоҳ карда рафт.*

*Шаб фаро расид. Аммо Баҳром мижжа таҳ назад. Ӯ фикр мекард, ки агар Меҳрона хонаду илм омӯзад, ба кадом қуллаҳо мерасад. Ҳамин тавр ӯ ғарқи фикру хаёл буду, билохир хобаш бурд.*

*Субҳ дамид..  Баҳром аз хоб бедор шуда, дастурӯяшро шуст ва ба назди дари Меҳрона омада дарашро оҳиста тақ-тақ кард..*



*Овози Меҳрона баромад, ки «Дароед» гуфт. Падар ба ҳуҷра ворид шуда дид, ки Меҳрона бо руҳи ғамангез дар болои кати хобаш нишастааст. Баҳром гуфт:*

*-Духтарам, ман шаб хело фикр кардам дар бораи таҳсили ту ва ба ақидае омадам, ки туро хононам.*

*Меҳрона бо тааҷубу хурсандӣ ба падар нигоҳ карда,  аз ҷой ҷаҳида хест.*

*Солҳо гузаштанд. Меҳрона духтари калон шуда,  Консерваторияро бо баҳои аъло хатм кард.*

*Баъд аз хатми Консерватория уро ба шавҳар доданд. Дар ҷомеаи онҳо чунон қабул шуда буд, ки зан набояд дар ягон ҷой кор кунад. Ин яке аз қолабҳои шахшудае буд, ки ба пешравии ин ҷомеа монеъ мешуданд. Зан баъд аз хонадор шуданаш, кор намекард. Танҳо дар хона нишаста кори хонаро мекард.*

*Аммо ҳолат чунин шуд, ки танҳо маоши шавҳараш, ки Маҳмуд ном дошт ба онҳо кифоя набуд. Меҳрона ва Маҳмуд фарзандор шуда буданд. Баъди он, ки фарзандонаш каме калонтар мешаванд, Меҳрона ба шавҳараш ва хушдоманаш дар бораи ба кор баромаданаш маслиҳат мекунад.*



*Ӯ намехост, ки он маълумоте, ки гирифта буд, ҳайф шавад. Шавҳараш аз сабабе, ки пулаш камӣ мекард, розӣ шуд, аммо хушдоманаш розӣ набуд. Зану шавҳар ҳаракат карда, ҳарду дили хушдоманашро меёбанду ва Меҳрона ҳамчун муаллима дар Консерватория ба кор оғоз мекунад.*

*Рӯзе писараш ба назди модар омада гуфт:*

- *Модарҷон, имруз соати 11:00 маҷлиси падару модарон аст. Шумо меоед?*

*Меҳрона гуфт, ки албатта меравад, аммо баъд ба ёдаш меояд, ки кори хонааш монда истода аст ва баъд боз ба хонаи як хешаш ӯро ба меҳмонӣдаъват карда буданд.*

*Меҳрона намедонист аз кадом кор сар кунад. Ҳол он ки соат аллакай 10 шуда буд. Аз ин сабаб ғамгин гашт. Хушдоманаш ба наздаш омада, симои маҳзуни ӯро диду пурсид::*

*- Ҳа, чи шуд келин, барои чи зиқ шудаӣ?*

*Меҳрона ҷавоб дод:*

*- Намедонам аз кадом корсар кунам. Ба маҷлис равам, нон пазам, ё ба хонаи хешутабор ба меҳмони равам, вақтам намерасад, * ғамангезона гуфт ӯ*

*Хушдоман гуфт:*

*- Хай, келинҷон, ту аввал ба маҷлис рав, зеро тарбияи кӯдак дар ҷои аввал меистад.*



*Нонро бошад, ман мепазам. Баъд аз маҷлис ба хонаи хешутабор ба меҳмонӣ рав.*

*Аз ин сухანони хушдоманаш Меҳрона хеле хурсанд шуда, ташаккургӯён уро ба оғӯш гирифт ва ба маҷлис рафт. Хушдоман ба нонпазӣ оғоз кард.*

*Дар ҳамин вақт ҳамсояашон холаи Фотима ба хонаи онҳо омад. Ӯ дид, ки хушдомани Меҳрона нон пухта истодааст ва пичингомезона гуфт::*

*- Ҳа ҳамсоя нон мепази, магар келинат нонҳоятро намепазад?!*

*Хушдомани Меҳрона дар ҷавоб гуфт:*

*- Э, биё ҳамсоя. Ҳа, нон мепазам чунки Меҳрона ба маҷлиси волидон ба мактаб рафтааст.*

*- Аз мактаб омада, магар худаш нонро пухта наметавонад? Худаш омада пазад! Ман аз рузе, ки келиндор шудам,дастамро ба оби хунук ҳатто намезанам! – инро гуфта, ҳасоя қавоқҳояшро гирифт.*

*Хушдомани Меҳрона ба ин гапи ӯ чунин ҷавоб дод:*

*- Ӯро ман гуфтам, ки ба мактаб равад, зеро ки тарбияи фарзанд дар ҷойи аввал меистад. Нонро бошад ман мепазам.*



*Охир ман ҳоло ёш ҳастам, кампири беқувват немӣпи ку, дар нафақа ҳастаму бекор хастам, чаро ёрдам надиҳам ба келинам, охир ӯ ранги ману ту инсон аст. Бар замми ин ҳамсари писари ман ҳаст, модари набераҳои ман аст, бигзор онҳо кор кунанд, дунёро гарданд ва хушбахт бошанд, ба ман хушбахтии оилаам муҳимтар аст.*

*- Боз бар замми ин ӯро ба коркунӣ иҷозат додаед. Эҳ, шумо содда да!*

*- Медони дугона, ман ҳам мисли ту фикр мекардам, ки писарам барои ман келин меораду, ҳамаи ҳоҳишҳоямро ӯ иҷро мекунад.*

*Аммо, фаҳмидам ки, ман ҳақ надорам, ки ба ҳаёти онҳо дахолат кунам. Пеш аз ҳама, ман меҳоҳам, ки оилаи ман хушбахт бошад, ва барои хушбахтии он ман ҳам саҳми худро мегузорам.*

*Душанбе – 2022 сол*



*Маълумот, таҳлил, ақидаву тавсияҳое, ки дар маводи зерин нашр шудаанд, нигоҳи Ташаббуси “Нури рӯшноӣ” ва ИА-ро нишон намедиҳанд.*

Ташаббуси
**“Нури рушноӣ”**
дар Тоҷикистон